Тасдиқ менамоям,
Муовини якуми Вазири рушди иқтисод
ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон,
роҳбари Гурӯҳи корӣ

_____________Солеҳзода А. А.

“30” июни соли 2022

П Р О Т О К О Л И №05
ҷаласаи Гурӯҳи кории байниидоравӣ оид ба гузаронидани таҳлил ва баҳодиҳии чараёни иҷрои барномаҳои соҳавӣ ва минтақавӣ дар соли 2022 дар назди Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз 30 июни соли 2022 ш. Душанбе

**Иштирок доштанд:** аъзои Гурӯҳи корӣ ва мутахассисони вазорату идораҳо (руйхат пешниҳод мегардад).

**Иштирок надоштанд:** аъзои Гурӯҳи корӣ аз вазоратҳои тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, кишоварзӣ, нақлиёт.

**Рӯзномаи ҷаласа:**

1.Муҳокимаи натиҷаи ҷараёни иҷрои «Барномаи мутобиқгардонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон бинобар узвият дар СУС» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри соли 2014, №691);

2.Муҳокимаи натиҷаи ҷараёни иҷрои «Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2022» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2019, №644).

Ҷаласаро роҳбари Гурӯҳи корӣ, Муовини якуми вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон Солеҳзода А. А. ифтитоҳ намуда, ҳозиринро бо рӯзномаи он шинос намуданд.

Вобаста ба масъалаи якуми рӯзномаи ҷаласа оид ба иҷрои «Барномаи мутобиқгардонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон бинобар узвият дар СУС» сараввал муовини вазири рушди иқтисод ва савдо Абдураҳмонзода Абдураҳмон Сафаралӣ суханронӣ намуда, сипас Рукниддин Лутфулло сардори Раёсати ҳамкориҳо бо Созмони Умумиҷаҳонии Савдои Вазорати рушди иқтисод ва савдо гузоришро дар шакли рӯнамо пешниҳод намуд.

Вазифаҳои асосии СУС ин озодкунии тиҷорати байналмилалӣ, таъмини баробарҳуқуқӣ ва шафофият, мусоидат намудан ба рушди босуботи иқтисодӣ ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум буда, мақсади барнома ин фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди соҳибкории миёна ва хурд,ҷалби сармояи хориҷӣ, тақвияти ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷониба бо

давлатҳои аъзои СУС, таъмини афзалиятҳои узвият дар СУС барои доираи васеи соҳибкорон тавассути андешидани тадбирҳои зарурӣ, тезонидани раванди ислоҳот дар бахшҳои гуногуни иқтисодиёти кишвар, фароҳам овардани шароити мусоид барои ташкил намудани ҷойҳои нави корӣ, коҳиши сатҳи бекорӣ ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардум мебошад.

Барномаи мазкур аз 9 қисм ва 75 тадбир иборат буда, то имрӯз аз тадбирҳои пешбинишудаи нақшаи чорабиниҳои он дар маҷмуъ 60 банд (80%) иҷро гардидааст.

Таҳлил нишон дод, ки масъули иҷрои тадбирҳо нишон дода нашуда, сабаб ва омилҳои он пешниҳод нашудааст.

Оид ба масъалаи мазкур Солеҳзода А., Файзуллозода Ф.В. ва дигар иштироккунандагон ибрози назар намуданд.

Роҷеъ ба масъалаи дуюм оид ба ҷараёни иҷрои «Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2022», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2019, №644 тасдиқ шудааст, Маҳмадуллозода Нурулло Раҳматулло –Муовини вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон суханронӣ намуда, сипас Қурбонов Ниёз Маҳмадбоқиевич- сардори Раёсати бозори меҳнат ва шуғли аҳолии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ гузориш манзур намуд.

Барнома тадбирҳоро оид ба таъсис додани ҷойҳои нави корӣ, миёнаравӣ дар бозори меҳнат, рушди касбии захираҳои меҳнатӣ, дастгирии иҷтимоии муҳоҷирони меҳнатии баватанбаргашта, мусоидат ба шуғли занон ва ҷавонон, рушди соҳибкории инфиродӣ, эҳёи намудҳои гуногуни ҳунарҳои мардумӣ ва таъмини кафолатҳои давлатии иҷтимоӣ ҳангоми бекорӣ дар бар мегирад.

Дар солҳои 2020-2021 бокортаъминкунии шаҳрвандони бекор тавассути квота 109,8 фоиз, сафарбаркунии шаҳрвандон ба тайёрии касбӣ 108,6 фоиз, пешниҳоди қарзҳои имтиёзнок ба шаҳрвандони бекор барои машғул шудан ба соҳибкорӣ 80,2 фоиз, сафарбар намудани шаҳрвандони бекор ба иҷрои корҳои ҷамъиятии музднок 101,9 фоиз, таъин ва пардохти кумакпулиҳо барои давраи бекорӣ 139 фоизро ташкил намуд.

Дар маҷмӯъ иҷроиши нақшаи барнома дар ин давра, аз рӯи маблағ 97,1 фоиз ва аз рӯи дурнамои нишондиҳандаҳо 118,6 фоизро ташкил медиҳад.

Ҳамзамон, пешниҳод гардид, ки ҳисобот бо назардошти индикаторҳо, ҳадаф, тадбирҳо ва вазифаҳои гузошташуда пурра гардида, ба Вазорати рушди иқтисод ва савдо пешниҳод карда шавад.

Оид ба масъалаи мазкур Солеҳзода А., Файзуллозода Ф.В., Аҳадзода Б. ва дигар иштироккунандагон ибрози назар намуданд.

Дар охири ҷаласа бо дарназардошти қайдҳои боло чунин қарор қабул карда шуд:

1. Раёсати ҳамкориҳо бо Созмони Умумиҷаҳонии Савдои Вазорати рушди иқтисод ва савдо натиҷаи иҷрои «Барномаи мутобиқгардонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон бинобар узвият дар СУС»-ро бо дарназардошти эроду пешниҳодҳо такмил дода, аз ҷараёни иҷрои он гузоришро ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон то 15 июли соли 2022 пешниҳод намояд;

2. Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҷараёни татбиқи «Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2022» бо назардошти эроду таклифҳои пешниҳодгардида то 4 июли соли 2022 гузоришро такмил дода, ба Вазорати рушди иқтисод ва савдо барои ҷамъбаст манзур намояд;

3.Раёсати рушди соҳаҳои иҷтимоӣ (Абдулвориси В.) қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2019, №644 -ро мавриди арзёбӣ қарор дода, аз ҷараёни иҷрои он гузориши ниҳоиро ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон то 15 июли соли 2022 пешниҳод намояд.

Котиби масъул Ҳ. Мавлонова